*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 11 (4751) | ДУШАНБЕ, 22 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ ДАВЛАТИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҚАТАР

**21-уми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷоми сафари давлатӣ ба Давлати Қатар сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, вазирони рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фарҳанг, молия, кишоварзӣ, раисони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

**21-уми январи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ вориди шаҳри Давҳаи Давлати Қатар гардиданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Давҳа меҳмони олимақом - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо эҳтироми самимияти хос вазири давлатии Вазорати корҳои хориҷии Қатар доктор Муҳаммад ибн Солеҳ ал-Хулайфӣ ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Ба муносибати сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон майдони фурудгоҳ бо парчамҳои ҳар ду давлат идона оро ёфта, аксҳои сарони давлатҳо гузошта шуд. Ба хотири пазироии сатҳи баланди меҳмони олимақом дар роҳрав қолини сурх густурда шуда, аз ду канори он қаровули фахрӣ саф кашид.

**21-уми январи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо Раиси Маҷлиси Шурои Давлати Қатар Ҳасан ибн Абдуллоҳ ал-Ғоним мулоқот карданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз меҳмоннавозии самимонаи дӯстони қатарӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, дидору гуфтугӯи имрӯзаро идомаи мантиқии муколамаи сиёсии сатҳи олӣ ва баланд арзёбӣ карданд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо масоили густариши робитаҳои байнипарлумонии



ҳар ду кишварро муҳокима карда, нақши парлумонҳо ва гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумониро дар самти фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии муносиботи байнидавлатии ҳар ду кишвар дар ҳавзаҳои гуногун муҳим арзёбӣ намуданд.

Зимни мулоқот, ҳамчунин, дигар ҷанбаҳои ҳамкории байни давлатҳо, тавсеаи равобити иқтисодию тиҷоратӣ миёни ҳар ду кишвар, ҷалби сармояи қатарӣ ва иштироки ширкатҳои давлатию хусусии Қатар дар тавсеаи ҳамкориҳо миёни ҳар ду кишвар баррасӣ гардид.

Масъалаи таҳкими робитаҳо дар арсаҳои гуманитарию фарҳангӣ низ мавриди муҳокима қарор дошта, дар рафти мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ табодули андеша намуданд.

**21-уми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо раиси Анҷумани соҳибкорони Қатар ва раиси Шурои мудирони гурӯҳи ширкатҳои «Файсал Ҳолдинг» Шайх Файсал бин Қосим Оли Сонӣ мулоқот карданд.**

Дар рафти суҳбат масоили ҳамкорӣ ҷиҳати рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни ҳар ду кишвар баррасӣ шуда, баргузории форумҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва таъсиси «Фонди муштараки иқтисодӣ ва сармоягузорӣ» омили муҳими густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ оид ба истифодаи имконияту иқтидорҳои бузурги Тоҷикистон дар самтҳои афзалиятноки саноат, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, роҳҳои транзитӣ ва бахши сайёҳӣ табодули андеша намуда, изҳори итминон карда шуд, ки татбиқи ин пешниҳодҳо барои густариш додани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии кишварҳо саҳми босазо мегузоранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҲИСОБОТ

## ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

**Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба роҳ монда, дар соли 2023 дар самти таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иттилоотию таҳлилӣ, моддӣ ва хизматрасонии дигари фаъолияти Маҷлиси миллӣ, Шурои Маҷлиси миллӣ, кумитаҳо, комиссия ва аъзои Маҷлиси миллӣ корҳои муайянро анҷом дод.**



Дар давраи ҳисоботӣ саъю талоши кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ, пеш аз ҳама, ба амалигардонии тадбирҳо оид ба омодагӣ, баргузорӣ ва инъикоси чорабиниҳои Маҷлиси миллӣ, танзими мулоқоту сафарҳои Раиси Маҷлиси миллӣ, ташкили назорати иҷрои саривақтии қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ ва шурои он, инчунин, қарору амрҳо ва дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси миллӣ равона карда шуд.

Дар давоми соли 2023, дар маҷмӯъ, 316 дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси миллӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз ин 191 супориш таҳти назорат қарор дода шуда, 125 ҳуҷҷат барои маълумоту корбарӣ қабул гардид. Баҳри таъмини иҷрои саривақтию самараноки супоришҳои мазкур бо мақомоти корӣ ва аъзои Маҷлиси миллӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, дар давраи ҳисоботӣ иҷрои пурраи 186 супориш таъмин гардид. Бо назардошти мӯҳлати муайянгардида 5 супориши дигар таҳти назорат ва мавриди иҷро қарор дорад.

Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ дар ин давра дар таҳияву мувофиқасозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, амалӣ намудани дигар тадбирҳои омодагӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд гузарондани 4 иҷлосияи Маҷлиси миллӣ, 4 ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллӣ ва 18 ҷаласаи кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ҳамаҷониба мусоидат намуда, аз натиҷаи баррасии масъалаҳо, дар маҷмӯъ, 86 қарори Шурои Маҷлиси миллӣ (аз ҷумла 32 қарор бо роҳи пурсиши аъзои Шурои Маҷлиси миллӣ) қабул гардида, бо тартиби муқарраргардида ба расмият дароварда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати таҳия ва ба тасвиб расондани амру қарорҳои Раиси Маҷлиси миллӣ таваҷҷуҳи зарурӣ равона гардид. Вобаста ба масъалаҳои дахлдор, аз ҷумла дар бораи даъвати ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллӣ 4 қарор, даъвати иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ 4 қарор, дар бораи сафарҳои хизматии аъзои Маҷлиси миллӣ 19 қарор, ҷамъ 27 қарори Раиси Маҷлиси миллӣ таҳия ва ба имзо расиданд.

Дар иҷлосияҳои сенздаҳум, чордаҳум, понздаҳум ва шонздаҳуми Маҷлиси миллӣ, ки мувофиқан 15 март, 16 июн, 3 ноябр ва 27 декабри соли 2023 баргузор гардиданд, дар маҷмӯъ, 111 қарор ва доир ба дигар масъалаҳо 25 қарор қабул гардид.

Аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ 86 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он 13 қонуни мукаммал, 3 пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба интихоб ва бозхонд намудани судяҳо баррасӣ гардида, ҷонибдорӣ карда шуданд.

Қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва шурои он, инчунин, амру қарорҳои Раиси Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраргардида намудаи Дастури Маҷлиси миллӣ ва дастурамали коргузорӣ дар Маҷлиси миллӣ ба расмият дароварда шуда, ба сохторҳои дахлдор дастрас гардидаанд.

Барои ҷойгир намудан ба сомонаи Маҷлиси миллӣ шакли электронии санадҳои мазкур ва барои интишор дар нашрияи Маҷлиси Олӣ - «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарорҳои иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Шурои Маҷлиси миллӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, тибқи муқаррарот, ирсол карда шуданд.

Рафти иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ стенограмма карда шуда, дар бойгонии Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ маҳфуз мебошанд.

Бо мақсади такмили қонунгузории кишвар кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ бо аъзои Маҷлиси миллӣ дар самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамкории самарабахш ба роҳ монда, дар ин самт ба онҳо ҳамаҷониба мусоидат намудаанд.

Дар соли 2023 бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аъзои Маҷлиси миллӣ Раҷаббой Аҳмадзода, Алишер Мирзонабот, Дилшод Раҳмон, Фарҳод Раҳимӣ, Маҳмадшоҳ Гулзода, Шарифҷон Ҷумъазода, Мадина Набизода, Фирӯза Мӯъминзода, Фарзона Хоҷазода, Ҳусния Раҷабзода, Бозоралӣ Одиназода, Илҳом Амонзода, Мусо Мирзозода, Фаррух Додхудо, Раҳимҷон Муқимӣ, Фазлиддин Шоиддинов, Ҳасан Дӯстзода, Зарифхуҷа Шоҳиён ва Мақсудалӣ Умарализода 18 лоиҳаи қонунҳоро таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

Қонунҳои зикршуда дар доираи «Нақшаи амали Маҷлиси миллӣ барои солҳои 2020-2025» дар партави муроҷиат ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аз 17 апрели соли 2020, «Нақшаи чорабиниҳои Маҷлиси миллӣ оид ба тарғибу ташвиқ ва амалигардонии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси миллӣ дар бораи тақвият додани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолону ноболиғон, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## ДАР ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту дуюми январи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «НБО Роғун» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди саудии рушд», «Дар хусуси Созишномаи истирдод байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар», «Дар хусуси Созишнома дар бораи бозпас додани маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» ва «Дар хусуси Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло ва оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода З. А.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Гулаҳмадзода З. А.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Холиқзода Ҳ. Ҳ.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф.Н.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Салимзода А. А.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шарифзода Ф. Ҳ.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Толибзода Ф. Н.», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» ва «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъйин намудани Икромӣ С. С.» қарорҳои Шурои Маҷлиси намояндагон қабул шуда, масъалаҳои мазкур ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, инчунин, «Дар бораи сафари Шоҳмурод Рустам ба шаҳри Москва» ва «Дар бораи сафари хизматии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» қарор қабул кард.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН ОМОДА АСТ ПЕШНИҲОДҲОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ҚАТАРИРО ДАСТГИРӢ НАМОЯД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои Давлати Қатар**

**Қатар, 22-юми январи соли 2024**





**Дӯстони гиромӣ!**

Нахуст ҳамаи ҳозиринро хайра мақдам гуфта, ба кори ҳамоиши имрӯза комёбӣ хоҳонам. Умед дорам, ки натиҷаҳои он ба рушди муносибатҳои ҳамкории ҷонибҳо такони ҷиддӣ хоҳанд бахшид.

Боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон ва Давлати Қатар бар асоси усулҳои ҳусни тафоҳум, эътимод ва эҳтироми ҳамдигар равобити дӯстӣ ва шарикии судманди гуногунҷанбаро роҳандозӣ намуда, пайваста пеш мебаранд. Таҳкиму тавсеаи ин раванд ба кишварҳои мо имкон медиҳад, ки ба манзури расидан ба ҳадафҳои муштарак – рушди умумӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардумонамон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Миёни Тоҷикистону Қатар муколамаи созандаи сиёсӣ ба роҳ монда шудааст, ки самтҳои афзалиятноки тамоми маҷмӯи муносибатҳои ҷонибҳоро, аз ҷумла дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, мулоқоти имрӯзаамонро боз як фурсат барои муаррифии бештару хубтари имкониятҳои воқеии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории ҳар ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар медонам.

Дар ин робита мехостам таваҷҷуҳи шуморо, дӯстони гиромӣ, ба вазъи кунунии иқтисодии Тоҷикистон ва арсаҳои алоҳидаи ояндадори ҳамкорӣ ҷалб созам. Пеш аз ҳама, мавриди зикр аст, ки дар кишвари мо устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардидаанд.

Суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар бист соли охир ба ҳисоби миёна зиёда аз 7 фоизро ташкил медиҳад. Ҳоло мо саъю талоши зиёде ба харҷ дода истодаем, то ин нишондодҳоро нигоҳ дошта, батадриҷ афзоиш диҳем. Аз ҷумла, соли 2023 суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 8,3 фоиз таъмин гардида, нишондиҳандаи таваррум дар сатҳи 3,8 фоиз нигоҳ дошта шуд.

Ба ин манзур ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаҳои стратегӣ ва бахшҳои афзалиятнок, бахусус, энергетика, нақлиёт, саноату кишоварзӣ, алоқа, молияву бонкдорӣ ва сайёҳӣ, чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Имрӯз дар кишвари мо зиёда аз 720 лоиҳаи сармоягузориҳои давлатӣ ба маблағи беш аз 13,8 миллиард доллари амрикоӣ амалӣ шуда истодааст.

Ҷалби сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисод ва рушди соҳибкорӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Дар ин замина мутобиқ ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, имкониятҳои васеи сармоягузорӣ фароҳам оварда шуда, василаҳои марбут ба имтиёзҳои андозу гумрук ва кафолатдиҳӣ ба таври васеъ истифода мегарданд.

Қонунгузории амалкунандаи мо барои сармоягузорон беш аз 240 номгӯи кафолату имтиёзҳоро, аз ҷумла зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозию гумрукӣ, муқаррар намудааст.

Узвияти Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон низ гувоҳи мутобиқ будани қонунгузории мо ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Тоҷикистон бо тамоми сохторҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкории пурсамарро ба роҳ монда, бо 110 давлати дунё робитаҳои иқтисодӣ дорад.

Ҳоло кишвари мо дорои иқтисоди бисёрсоҳаи рушдёбанда буда, дар он барои пешбурди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, фароҳам овардани шароити муносиби корӣ дар ин ҷода пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Ҳамзамон бо ин, мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ амалӣ намудани тадбирҳои вобаста ба ислоҳот дар самти ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон идома ёфта истодааст.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои мо ба шумор мераванд. Дидору мулоқотҳои пайвастаи сатҳи олии кишварҳои мо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷонибҳо ҷиҳати боз ҳам густариш додани робитаҳо дар ин соҳаҳо ҳавасманд мебошанд.

Зимни сафари давлатии Амири Давлати Қатар Волоҳазрат Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ба Тоҷикистон мо маҷмӯи васеи масъалаҳои муҳими муносибатҳои дуҷониба, таҳкими бештари заминаи ҳуқуқӣ ва дурнамои рушду тавсеаи онҳоро мавриди баррасӣ қарор додем.

Мо ният дорем, ки зимни мулоқоту музокироти имрӯзаи сатҳи олӣ муҳокимаи роҳҳои густариши минбаъдаи робитаҳои ҳар ду кишварро дар соҳаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва дигар арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн идома бахшида, онҳоро бо иқдомҳои амалӣ ғанӣ гардонем.

Вобаста ба ин мехостам атрофи чанде аз самтҳои мушаххаси ояндадор ибрози ақида намоям. Тоҷикистон дорои сарватҳои фаровони табиӣ, бахусус об ва канданиҳои фоиданок, мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ ДАВЛАТИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҚАТАР

(Идома аз саҳ. 1)

**21-уми январи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо мудири бахши сармоягузории ширкати «Диёри Қатар» Аҳмад Муҳаммад Тайиб мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот масоили ҳамкорӣ бо ширкат дар самти амалисозии лоиҳаи бунёди шаҳраки «Диёри Душанбе» ва як қатор иншооти муҳим баррасӣ гардида, татбиқи саривақтии марҳилаҳои дигари бунёди шаҳрак дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе зарур шуморида шуд.

Зимни вохӯрӣ таъкид гардид, ки бо назардошти беҳтар шудани шароити иҷтимоию иқтисодӣ талаботи аҳолии кишвар ба инфрасохтори замонавӣ, аз ҷумла манзилҳои зист ва таъсиси марказҳои савдои замонавии бузург, дар Тоҷикистон афзоиш меёбад.



Ҷалби сармояи ширкати қатарӣ ҷиҳати бунёди иншооти иҷтимоӣ ва рушди зерсохтори сайёҳӣ дар кишвари мо барои ҷонибҳо судманд арзёбӣ гардид.

**21-уми январи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо мудири иҷроияи Фонди қатарии рушд Халифа бин Ҷосим ал-Куворӣ мулоқот намуданд.**

Дар рафти суҳбат ҷонибҳо оид ба имконияту иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон ва баҳрабардорӣ аз ин неъматҳо ба манфиати ҳар ду давлат табодули андеша карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки кишвари мо барои рушду тавсеаи минбаъдаи муносибатҳо бо Давлати Қатар дар соҳаҳои саноату энергетика таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади рушди «иқтисоди сабз» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037»- ро қабул намудааст ва Тоҷикистон имкон дорад 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардад.

Бо назардошти захираю имкониятҳои бузурги соҳаи гидроэнергетика пешниҳод гардид, ки ҷониби Қатар дар татбиқи тарҳҳои муҳими соҳа барои манфиати ҳар ду кишвар саҳм гузорад.

Ҳамзамон, бо мақсади ҷалби маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар кишвар таъсиси «Фонди муштараки иқтисодию сармоягузорӣ» зарур шуморида шуд.

Дар охири мулоқот изҳори итминон карда шуд, ки татбиқи ин пешниҳодҳо барои густариш додани муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ миёни ҳар ду кишвари дӯст саҳми босазо мегузоранд.

**21-уми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо раиси Шурои мудирони Ширкати энергетикии «Небрас» Муҳаммад Носир ал-Ҳоҷирӣ мулоқот карданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти мазкурро барои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ байни кишварҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия мебошад. Бо мақсади рушди «иқтисоди сабз» Ҳукумати кишвар «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023 - 2037»- ро қабул намудааст.

Дар Тоҷикистон ба мақсади истеҳсоли неруи барқ аз дигар сарчашмаҳои барқароршаванда, ба монанди манбаъҳои офтобӣ ва бодӣ, пайваста тадбирҳои амалӣ андешида мешавад.

Аз ҷониби Давлати Қатар даъват ба амал оварда шуд, ки имконияти сармоягузорӣ дар ин соҳаҳоро омӯхта, дар татбиқи амалии лоиҳаҳои афзалиятнок ба манфиати ҳар ду ҷониб ва ҷиҳати густариши ҳамкориҳо байни кишварҳо саҳми босазо гузоранд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар мавзуоти мавриди таваҷҷуҳ андешаронӣ карданд.

**21-уми январи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа бо раиси бахши сармоягузории Фонди давлатии сармоягузории Қатар Шайх Файсал ибн Сонӣ Оли Сонӣ мулоқот карданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Давлати Қатарро яке аз шарикони муҳими тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистон арзёбӣ карданд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо масоили рушду тавсеаи минбаъдаи робитаҳоро дар соҳаҳои саноату энергетика мавриди баррасӣ қарор доданд. Таъкид гардид, ки дар самти ҷалби сармояи Қатар ба Тоҷикистон имкониятҳои бузург мавҷуд ҳастанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда шуд, ки ҷониби Қатар дар татбиқи чанде аз тарҳҳои афзалиятнок ба манфиати ҳар ду ҷониб иштирок намояд.

Дар рафти мулоқот масоили баҳрабардорӣ аз иқтидори бузурги транзитии Тоҷикистон дар минтақаи АвруОсиё, энергияи таҷдидшавандаи кишвари мо, ҳамкорӣ дар соҳаи саноат, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок муҳокима карда шуд. Бо назардошти имконияту иқтидори Тоҷикистон сармоягузории ҷониби Қатар дар кори таъсиси марказҳои тақсимоти яклухт ва логистикӣ ҷиҳати коркард, бандубаст ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба Қатар барои ду ҷониб боманфиат арзёбӣ гардид.

Ҳамчунин, зимни мулоқот пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон «Фонди муштараки иқтисодӣ ва сармоягузорӣ» таъсис дода шавад.

**22-юми январи соли 2024 дар шаҳри Давҳа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари давлатӣ ба Давлати Қатар бо футболбозони дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба футбол мулоқот карданд.**

Зимни суҳбати самимӣ Сарвари давлат, Президенти Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди футбол дар Тоҷикистон, дастгирии давлатии соҳа, оммавигардонии футбол ва фаъолияти пурсамари Федератсияи футболи Тоҷикистон андешаронӣ карданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ба ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори ватандорӣ ҳидоят намуда, таъкид карданд, ки ҷавонон ҳар чӣ бештар ба машқу тамрин машғул шаванд ва бо дастовардҳои арзанда Парчами давлатиро дар арсаи олам баланд бардоранд.

Ёдовар мешавем, ки дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон бори нахуст дар Ҷоми Осиё иштирок мекунанд. То имрӯз дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон, ки дар гурӯҳи «А» шомил мебошад, дар доираи Ҷоми Осиё -2023 бо дастаҳои Чин ва Қатар рақобат карданд.

Шоми рӯзи 22-юми январ дастаи мунтахаби футболи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Давҳа дар доираи 18-умин бозиҳои футболи Ҷоми Осиё -2023 бо дастаи мунтахаби футболи Лубнон рақобат хоҳад кард.

Дар охири суҳбат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба футболбозони тоҷик барору комёбӣ орзу карданд.

**22-юми январи соли равон дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Давлати Қатар дар шаҳри Давҳа мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои Давлати Қатар баргузор шуд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Қатар, ки бо иштироки вазири савдо ва саноати Давлати Қатар Шайх Муҳаммад бин Ҳамад бин Қосим Оли Сонӣ баргузор гардид, суханронӣ намуданд.

Зимни суханронӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат зикр намуданд, ки ҳадафи мулоқоти имрӯза муаррифии бештару хубтари имконияти воқеии ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории ҳар ду давлати ба ҳам бародар мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба вазъи кунунии иқтисодии Тоҷикистон ва арсаҳои алоҳидаи ояндадори ҳамкорӣ, аз ҷумла роҳҳои рушди минбаъдаи соҳаҳои стратегии иқтисоди мамлакат, андешаронӣ карданд.

Дар ҳамин ҳол соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, молияву бонкдорӣ ва сайёҳӣ бахшҳои афзалиятнок маънидод гардиданд.

Ҷалби сармоя ба соҳаҳои гуногуни иқтисод ва рушди соҳибкорӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номида шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар Тоҷикистон мутобиқ ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, имкониятҳои васеи сармоягузорӣ фароҳам оварда шуда, василаҳои марбут ба имтиёзҳои андозу гумрук ва кафолатдиҳӣ фаъолона истифода мегарданд.

Таъкид гардид, ки узвияти Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон низ гувоҳи мутобиқ будани қонунгузории мо ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои ҳар ду давлат номида шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Тоҷикистон дорои сарватҳои фаровони табиӣ, бахусус об ва канданиҳои фоиданок, мебошад.

Зимни суханронии пурмуҳтаво Президенти мамлакат, ҳамчунин, оид ба имконоти фарохи сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла саноати сабуку хӯроквори, металлургия, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва дорусозӣ, андешаронӣ карданд.

Таъкид шуд, ки истифодаи самараноки имкониятҳое, ки дар бахшҳои зикргардида мавҷуданд, ворид намудани технологияҳои муосир ва ҷалби сармояро тақозо менамояд. Дар Тоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият мекунад ва дар онҳо барои сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар суханрониашон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба имконоти васеи ҳамкорӣ бо ширкатҳои қатарӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, зерсохтори нақлиётӣ, таъсиси марказҳои логистикӣ, авиатсияи гражданӣ ва сайёҳӣ, бахусус саёҳати кӯҳнавардӣ, экологӣ ва беҳдоштӣ низ андешаҳо баён карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки Ҳукумати Тоҷикистон омода аст, ки пешниҳодҳои сармоягузорони қатариро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории судманд дар самтҳои афзалиятноки зикргардида бодиққат омӯзад ва дастгирӣ намояд.

Дар фарҷом, аз доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои Давлати Қатар ҷиҳати боздид аз Тоҷикистон бо мақсади шиносоии наздик аз имкониятҳои ҳамкорӣ бо кишвари мо дар самтҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн даъват ба амал оварда шуд.

**22-юми январи соли 2024 дар шаҳри Давҳаи Давлати Қатар муқаррароти истиқболи расмӣ дар назди Қасри Амирӣ самимона ва бо шукӯҳу шаҳомати хоса баргузор гардид.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Волоҳазрат Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ бо эҳтироми хос истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ дар долони Қасри Амирӣ даъват намуд.

Ба ифтихори ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Давлати Қатар дар макони пазироии расмии меҳмони олимақом парчамҳои давлатӣ афрохта шуда, сурудҳои миллии ҳар ду давлат садо доданд ва фармондеҳи Қаровули фахрии Давлати Қатар ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз омодагии ҳайати низомӣ барои истиқболи расмӣ гузориш дод.

Зимни гузаштан аз назди Горди фахрӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парчами ин давлат эҳтиром ба ҷо оварданд.

Баъди анҷоми маросими истиқболи расмӣ дар дохили Қасри Амирӣ ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Волоҳазрат Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ ҳайатҳои расмии ҳукуматҳои ҳар ду кишвар муаррифӣ карда шуданд.

**22-юми январи соли равон дар пойтахти Давлати Қатар - шаҳри Давҳа дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қатар баргузор гардид.**

Баррасии масоили ҳамкории ҳар ду кишвар дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Волоҳазрат Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ оғоз гардида, зимни музокирот бо иштироки ҳайатҳои расмии давлатҳо идома ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоти имрӯзаро ҳамчун идомаи муколамаи сиёсии сатҳи олии ҷонибҳо ва рӯйдоди муҳим дар муносибати ҳар ду кишвар арзёбӣ карданд.

Роҳбари давлат махсусан таъкид намуданд, ки кишвари мо ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд бо Давлати Қатар дар соҳаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳавасманд мебошад.

Тазаккур дода шуд, ки бастаи санадҳои нави ҳамкорӣ, ки тобистони соли гузашта зимни сафари Амири Давлати Қатар ба Тоҷикистон ба имзо расид, барои тавсеаи робитаҳои дарозмуддати ҳар ду кишвари дӯст заминаи мустаҳками ҳуқуқию шартномавиро фароҳам сохт.

Зимни суҳбат Пешвои миллат пешниҳод карданд, ки барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо таъсис додани механизмҳои нав аз доираи манфиати ҷонибҳо берун нест.

Гурӯҳи кории алоҳидаи муштарак барои омӯзиш ва мушаххас намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкории ҳар ду кишвар ва Бунёди муштараки сармоягузориҳои Қатар ва Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳоянд.

Зимни мулоқот изҳори умед карда шуд, ки бо талошҳои муштарак ба рушду нумӯи бештари ҳамкориҳо дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ, аз ҷумла бахшҳои тиҷоратию иқтисодӣ, даст хоҳем ёфт.

Бо назардошти имкониятҳои фарохи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ҷалби сармоя барои амалисозии лоиҳаҳо дар бахшҳои энергетика, саноати сабук, хӯроквори, истихроҷи маъдан ва дорусозӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва сайёҳӣ зарур шуморида шуд.

Пешниҳод гардид, ки ҷиҳати тавсеаи шабакаҳои логистикии миёни ҳар ду давлат барои мусоидат ба ҳамлу нақли бор ва мусофирон, инчунин, транзит ба кишварҳои дигар лоиҳаҳои нақлиётӣ-транзитии муштарак роҳандозӣ карда шавад.

Ҳамкориҳо дар бахшҳои маориф, илм ва фарҳанг аз унсурҳои муҳими тақвияти робитаҳои башарӣ миёни ҳар ду давлат номида шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо ба вазъи байналмилалию минтақавӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд.

Инчунин, роҳбарони ҳар ду давлат ҳамкориҳои босамари ҳар ду ҷонибро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ қайд намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии ҷониби Тоҷикистонро барои идомаи ҳамкориҳои зич дар самти таъмини амният таъкид намуданд.

Дар фарҷоми гуфтушунид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки муколамаи имрӯзаи сатҳи олиро ҷониби Тоҷикистон омили калидии рушди минбаъдаи робитаҳо медонад ва ҳавасманди пешбурди пайвастаи он ба манзури таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишвари ба ҳам дӯст мебошад.

**22-юми январи соли ҷорӣ пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қатар дар ҳузури сарони давлатҳо маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.**

Аз рӯйи натиҷаи музокироти сатҳи олӣ 9 санад ба имзо расид:

- Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии ҳолатҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати мудофиаи граждании Вазорати корҳои дохилии Давлати Қатар;
- Барномаи аввалини амал дар соҳаи таҳсилоти олӣ ва тадқиқоти илмӣ тибқи Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, таҳсилоти олӣ ва тадқиқоти илмӣ барои солҳои таҳсилӣ (2024/2025-2025/2026-2026/2027);



- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Давлати Қатар барои солҳои 2024-2026;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди осорхона байни Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи осорхонаҳои Давлати Қатар;
- Изҳороти муштарак дар бораи рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Давлати Қатар;
- Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Воҳиди молиявии Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ вобаста ба ҷиноятҳои алоқаманд ба қонунигардонии (расмикунонии) маблағҳо ва маблағгузории терроризм;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти хайриявӣ ва башардӯстона байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти танзимкунандаи фаъолияти хайриявӣ дар Давлати Қатар;
- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти минтақаҳои озоди Қатар.

www.prezident.tj

# ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН ОМОДА АСТ ПЕШНИҲОДҲОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ҚАТАРИРО ДАСТГИРӢ НАМОЯД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо доираҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ширкатҳои Давлати Қатар**

**Қатар, 22-юми январи соли 2024**

**(Идома аз саҳ. 2)**

Аз ҷиҳати зарфиятҳои умумии гидроэнергетикӣ кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи ҳаштум ва аз рӯйи ҳаҷми хоси онҳо ба ҳар сари аҳолӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Дар Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, 13 ҳазор пирях, манбаи асосии оби нӯшокӣ ва 60 фоизи обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуд мебошад. Пешрафти ояндаи ҷаҳон ба тавлиди «энергияи сабз» ҳамчун асоси ташаккули «иқтисоди сабз» вобастагии зиёд дорад.

Бо дарназардошти ин омил ва захираҳои мавҷудаи табиӣ, соҳаи гидроэнергетика заминаи муҳимтарини таъмин намудани рушди устувори кишвари мо ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, бунёди иншооти гидроэнергетикӣ, қабл аз ҳама, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ва хатҳои интиқоли барқ барои мо муҳим мебошад.

Имрӯз дар Тоҷикистон яке аз бузургтарин лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ - сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо иқтидори 3800 мегаватт, ки имконияти бо барқ таъмин намудани кишвари мо ва минтақаро дорад, амалӣ шуда истодааст. Бо татбиқи ин ва дигар лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ мо метавонем истеҳсоли барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза, яъне «энергияи сабз»-ро дучанд афзоиш диҳем.

Ҳамзамон бо ин, Тоҷикистон ба идораи самараноки захираҳои обу обёрӣ ва ба ин васила, ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

Мо ба нақша гирифтаем, ки дар ояндаи наздик аз ҳисоби бунёди неругоҳҳои барқи обии нав ва таҷдиди неругоҳҳои мавҷуда иқтидори энергетикии мамлакатро иловатан ба миқдори чор ҳазор мегаватт афзоиш диҳем. Ҳоло аз 530 миллиард килловатт/соат захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон танҳо шаш (6) фоизи онҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, дар Тоҷикистон 98 фоизи барқ аз сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол мешавад ва кишвари мо аз рӯи ин нишондиҳанда дар қатори шаш кишвари пешсафи ҷаҳон қарор дорад.

Бо дарназардошти ин, тавлиди ҳама намуди молу маҳсулот дар кишвари мо ба категорияи «истеҳсоли сабз» дохил мешавад. Аз ин лиҳоз, ширкатҳои дар Тоҷикистон фаъолияткунанда имконияти дастрасӣ ба сертификати «истеҳсоли сабз»-ро аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ доранд.

Тоҷикистон ба панҷгонаи истеҳсолкунандагони «алюминийи сабз» дар ҷаҳон шомил шудааст ва маҳсулоти ширкати алюминийи «Талко» дорои «сертификати сабз» мебошад.

Истифодаи маҳсулоти алюминийи Тоҷикистон ва захираҳои дар кишвар мавҷудаи литий барои истеҳсоли автомашинаҳои барқӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Яъне, ду намуди ашёи асосӣ барои истеҳсоли чунин автомашинаҳо дар кишвари мо мавҷуд аст.

Истеҳсолоти саноатӣ метавонад самти дигари ояндадори ҳамкориҳои мо бошад. Яке аз ҳадафҳои асосии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» саноатикунонии босуръати кишвар мебошад.

Барои мо татбиқи тарҳу лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноати сабуку хӯроквори, металлургия, мошинсозӣ, кимиё, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва дорусозӣ афзалиятнок мебошад.

Қаламрави Тоҷикистон аз сарватҳои зеризаминӣ бой аст. Ин омил барои рушди саноати истихроҷи маъдан заминаи устувор фароҳам овардааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 800 кони маъданҳои фоиданок, металлҳои нодир ва қиматбаҳо, аз ҷумла мис, нуқра, тилло, сурб, литий, сурма, никел, волфрам, ванадий ва дигар маъданҳои нодир, кашф ва барои аз худ намудан қисман омода карда шудааст. Аз ин шумора алҳол дар конҳое, ки мавриди истифодабарӣ қарор доранд, зиёда аз 40 намуди маъдан истихроҷ карда мешавад.

Дар баробари захираҳои маъданӣ комилан зарур, истихроҷи сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, ҳамчунин, намаки сангӣ дурнамои хуб дорад.

Қобили қайд аст, ки захираҳои тахминии намаки ошӣ дар Тоҷикистон беш аз 72 миллиард тоннаро ташкил медиҳанд, ки барои зиёда аз 300 сол таъмин намудани талаботи истеъмолии тамоми сокинони сайёра ба ин намуди маҳсулот басанда мебошанд.

Истифодаи самараноки имкониятҳое, ки дар бахшҳои зикргардида мавҷуданд, ворид намудани технологияҳои муосир ва ҷалби сармояро тақозо менамояд.

Қобили зикр аст, ки айни замон дар чандин мавзеъҳои кишвар ташаккули минтақаҳои саноатӣ идома дорад. Ин минтақаҳо корхонаҳои металлургӣ, сементбарорӣ, нассоҷӣ, дӯзандагӣ, коркарди нафт ва тавлиди маҳсулоти саноати кимиёро дар бар хоҳанд гирифт.

Ҳамчунин, дар Тоҷикистон панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият мекунад. Дар онҳо барои сармоягузорону соҳибкорони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ширкатҳои қатарӣ метавонанд дар пешбурди фаъолияти истеҳсолии ин минтақаҳо босамару фаъолона иштирок намоянд.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарину афзалиятнок дар рушди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода барои сармоягузорӣ ва густариши ҳамкориҳои босамар шароити мусоид мавҷуд аст.

Иқлими мусоид ва захираҳои фаровони об имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон сабзавоту меваҳои хушсифату хушлаззати аз лиҳози экологӣ тоза парвариш карда, аз як майдони кишт 3-4 ҳосил рӯёнда шавад.

Ҳамкорӣ дар самтҳои чорводорӣ ва занбӯриасалпарварӣ, парвариш, коркард ва содироти меваю сабзавот, маҳсулоти техникӣ, аз қабили пахта, гиёҳҳои шифобахш ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ низ аз лиҳози иқтисодӣ фоидаовар хоҳад буд.

Дар Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани зерсохтори нақлиётии кишвар пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Аз шаш долони нақлиётии «Барномаи ҳамкориҳои иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (КАРЕК)» чор долон тавассути қаламрави Тоҷикистон мегузарад. Аз ин рӯ, истифодаи ҳудуди Тоҷикистон барои боркашонӣ аз Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ вақт ва масофаи таҳвилро аз 1200 километр то 2000 километр коҳиш медиҳад.

Кишвари мо аз лиҳози сифати роҳҳои автомобилгард дар ҷаҳон ҷойи 50-умро ишғол менамояд, ки нишондиҳандаи баланд дар минтақа мебошад.

Мо иқдомоти сармоягузоронро вобаста ба таъсиси ширкатҳои логистикӣ низ ба хушӣ истиқбол менамоем. Ҳамчунин, мо ҳавасманди ҳамкориҳо бо ҷонибӣ Қатар дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ҳастем.

Соҳаи дигари афзалиятнок, ки мехостам таваҷҷуҳи шуморо ба он ҷалб намоям, сайёҳӣ мебошад. Тоҷикистони кӯҳсор, ки табиати зебо, набототу ҳайвоноти нодир ва осори беназири таърихию фарҳангӣ дорад, барои рушди ин бахш, бахусус сайёҳати кӯҳнавардӣ, экологӣ ва беҳдоштӣ, ҳамчунин, шикор, имкониятҳои зиёдро доро аст.

Ҳукумати кишвар тавассути истифодаи имкониятҳои соҳибкории хурду миёна ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба таҳкиму тавсеаи зерсохтори соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Дар ин самт мо дар панҷ соли охир барои сармоягузорон ва ширкатҳо имтиёзу сабукиҳои ҷолиб пешниҳод намудаем. Аз ҷумла, воридоти молу ашё ва таҷҳизот барои бунёди иншооти сайёҳӣ аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда, ҳамчунин, ширкатҳои навтаъсиси соҳа аз пардохти андоз аз фоида ба муддати панҷ сол озод карда шудаанд.

Ҳамзамон бо ин, мо барои шаҳрвандони як қатор кишварҳо, аз ҷумла Давлати Қатар, низоми бераводидӣ ва яктарафаро ба мӯҳлати 30 рӯз ҷорӣ кардем.

**Дӯстони гиромӣ!**

Ҳукумати Тоҷикистон омода аст, ки пешниҳодҳои сармоягузорони қатариро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории судманд дар самтҳои афзалиятноки зикргардида бодиққат омӯзад ва дастгирӣ намояд.

Дар фарҷом, бо истифода аз фурсат, шуморо ҷиҳати боздид аз Тоҷикистон бо мақсади шиносоии наздик аз имкониятҳои ҳамкорӣ бо кишвари мо дар самтҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи тарафайн даъват менамоям.

Бовар дорам, ки аз боздиди кишвари меҳмоннавозу зебоманзари мо таассуроти неку хотирмон хоҳед бардошт.

**Саломат бошед!**

# Ҳ И С О Б О Т

## ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2023

**(Идома аз саҳ. 1)**

Қобили зикр аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» дар заминаи ташаббуси ҷаноби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳифзи пиряхҳо бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар шакли мукаммал таҳия ва қабул гардида, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ ёфта, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 январи соли 2024 ба имзо расид.

Дар ин давра Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ фаъолиятро дар самти таҳкими робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, хизматрасонии иттилоотию таҳлилӣ ва ташкилию моддии ҷорабиниҳои байналмилалӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом дод.

Маҷлиси миллӣ таҳкиму густариши муносибатҳоро, ки дар замони муосир василаи муҳим ва муассири тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатӣ арзёбӣ мегардад, самти афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, ҳамкориҳои байнипарламентиро бо парламентҳои кишварҳои дуру наздик тақвият дод.

Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ҷиҳати ҳарвақта ба раванди танзим ва инъикоси васеи ҷорабиниҳо, ки бо иштироки Раиси Маҷлиси миллӣ доир мегарданд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намуд. Аз ҷумла, давоми соли 2023 ҷиҳати танзими сафарҳои расмию кории Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қирғизистон, мулоқотҳо бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Михаил Мишустин, Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳамедов, Раиси Сенати Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Нарбаева, муовини Сарвари Федератсияи Россия Марат Ҳуснуллин, муовини Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Н.А. Журавлёв, сафири фавқулода ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Федеративии Германия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Фонди саудии рушд, инчунин, сафари расмии муовини раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумичинии намояндагони халқи Ҷумҳурии Мардумии Чин Чжан Тсинвэй ба Тоҷикистон корҳои ташрифотию тадорукотӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ гардида, ин ҷорабиниҳо тавассути сомонаи маҷлис, воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ инъикос карда шуданд.

Дар соли 2023 аъзои Маҷлиси миллӣ ва кормандони масъули Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ҷиҳати иштирок дар ҷорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва байнидавлатии дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузоршуда 19 сафар анҷом дода, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари соҳибистиқлолу демократӣ, ҳуқуқбунёд арҷгузор ба арзишҳои умумибашарӣ ва узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд.

